# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Гулмаҳмадов Салоҳиддин дар мавзуи “Таълими муттасили иқтисодӣ дар зинаҳои литсей -донишгоҳ ва моҳияту мундариҷаи он”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Гулмаҳмадов Салоҳиддин дар мавзуи “Таълими муттасили иқтисодӣ дар зинаҳои литсей -донишгоҳ ва моҳияту мундариҷаи он” дар он зоҳир мегардад, ки дар шароити тарақиёти иқтисодиёт ва тайғир ёфтани муносибатҳои иқтисодӣ дарки аз худ намудани донишҳои иқтисодиро дар наврасону ҷавонон ташаккул додан зарур аст. Ин масоил ва дигар мушкилоту масъалаҳои муҳиму мураккаби ҷаҳони муосир водор месозанд, ки насли наврас дорои маҳорату малакаҳои аз ҷиҳати тафаккур ва эҷод рушдёфта бошанд ва ҳалли масъалаҳои иқтисодиро озодона ҳаллу фасл ва фикру андешаашонро дурусту пурра баён карда тавонанд.

Ҳадаф аз андешаҳои дар боло ироашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаб Гулмаҳмадов Салоҳиддин дар шароити муосир бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ мебошад. Айни замон таваҷҷуҳ нисбат ба илм ва ҷӯстуҷӯи он аз тарафи шаҳрвандони мамлакат, бахусус наврасону ҷавонон ба маротиб афзудааст. Ҷиҳати омода намудани мутахассисони ба бозори меҳнат рақобатпазир ва саҳм гузоштан дар рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоии Тоҷикистон аз имкониятҳои мавҷуда васеъ истифода бурда, шаклҳои наву муосири таълимро ба роҳ мондан лозим меояд. Дар ин давра танҳо мутахассисони донишу таҷрибаи баланди коридошта метавонанд дар рушди иқтисодиёти кишвар саҳм гузоранд.

Аз ҷониби унвонҷӯ як қатор масъалаҳо ба монанди “Омӯзиш ва таҳлили адабиётҳо бо мақсади дарёфти асосҳои методии муттасилӣ дар таълими фанни иқтисодиёт”, “Таҳлили бартарии методи муттасилӣ дар таълим дар муқоиса ба методҳои мавҷуда” дар сатҳи зарурӣ коркард, таҳия ва барои дифоъ пешниҳод намудааст. Кори диссертатсионӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва ба таври мукаммал таҳқиқу баррасӣ шудааст.

Дар баробари ин, довталаб Гулмаҳмадов Салоҳиддин дар таҳқиқоти диссертатсионии хеш таҳқиқу таҳлили проблемаҳои муҳимеро вобаста мавзуи диссертасия ба нақша гирифта, дар ҳаллу фасли онҳо ба қадри имкон дастёб гаштааст:

Бори аввал роҳандозии раванди муттасилии таълими фанни иқтисодиёт дар зинаҳои таҳсилоти байни литсей ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешбинӣ мегардад;

2. Пешниҳодҳо ҷиҳати таълими муттасили иқтисодии донишҷӯён дар низоми литсей - донишгоҳ тартиб дода шудаанд;

3.Мақолаҳои илмию методӣ ба нашр расонида шуданд, ки дар онҳо бо истифода аз тадқиқотҳои олимони дохилу хориҷи кишвар таълими муттасил баррасӣ карда шудаанд;

4. Бо амалӣ гардидани муқаррароти рисола ҳамкориҳои ду муассисаи таълимӣ дар омода намудани муттахассисони ботаҷрибаи донишу маҳорати баланди касбидошта ба роҳ монда мешавад;

5. Меъёрҳои баҳодиҳои дараҷаи дониши хонандагону донишҷӯён ҳангоми роҳандозии таълими муттасил дар зинаҳои таҳсилот муқаррар гардидаанд, ки аз рӯйи онҳо ҳаҷми донишҳои азхудшуда, фаъолнокӣ, суръати донишазхудкунӣ, дурустии амалҳои иҷрошуда, маълумоти пурра додани донишҷӯ, маҳорати иҷрои кор ба инобат гирифта мешаванд.

Ҳангоми санҷишу муайянкунии натиҷаи онҳо шаффофият нақши муҳим мебозад, зеро дар сурати иҷро нагардидани меъёри баҳогузорӣ таъсири он ба ҷараёни таълим халал ворид менамояд. Намунаи санҷишҳо ва меъёри баҳогузорӣ дар маҷаллаи «Масъалаҳои маориф», №3, 2017 аз ҷониби муаллиф дарҷ гардидааст.

6. Мазмун ва мундариҷаи чорабиниҳои таълимию методии сатҳи литсей - донишгоҳ муайян карда шудааст.

7. Истифодаи усулҳои муосири таълим муттасилиро дар таълими иқтисодии хонандагон ва донишҷӯён таъмин мекунад, аз ҷумла, ташкили дарсҳо бо усули холгузорӣ, бо роҳи мубоҳиса дар атрофи ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, ташкили бозӣ дар ҷараёни дарс, риояи салоҳиятнокӣ ва ғайраҳо. Намунаҳои машғулиятҳои баргузор кардашуда дар маҷаллаҳои ҷумҳуриявии «Масъалаҳои маориф» ва ҳафтаномаи «Омӯзгор» ба нашр расидаанд.

8. Ҳуҷҷатҳои таълимию методии литсей-донишгоҳ низ ба талаботи таълими муттасил мувофиқ кунонида шудааст, зеро онҳо ҳамчун як ҷузъи таркибии таҳсилоти муттасили иқтисодӣ дониста шуда, сифати дониш, ҳамзамон салоҳияти касбии донишҷӯёнро баланд мебардоранд. Дар асоси онҳо мувофиқи нақшаи тартибдодашуда байни устодони донишгоҳ ва литсей ҷаласаҳои методӣ ва суҳбату вохӯриҳо доир карда мешаванд.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Автореферат тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутассилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмиву амалӣ, ки дар боло зикрашон рафт, автореферат аз баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба монанди ғалатҳои техникиву имлоӣ орӣ нест, ки бартараф кардани он ба манфиати кор аст.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки ин камбудиҳо арзиши илмиву амалии диссертатсияро коста намекунанд ва диссертатсияи Гулмаҳмадов Салоҳиддин кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

Дар умум, кори таҳқиқотии Гулмаҳмадов Салоҳиддин дар мавзуи "Таълими муттасили иқтисодӣ дар зинаҳои литсей -донишгоҳ ва моҳияту мундариҷаи он", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01–педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба талаботи Низомнома оид ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01–педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Доктори илмҳои физикаю математика,
профессори кафедраи математикаи олии

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Сатторов А.С.

17.03.2025

**Маълумот барои тамос:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 17; Телефон: 909.66.79.73;

«Имзои А.С.Саторовро тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.